Т А Қ Р И З

ба автореферати **Файзуллозода Эркин Фатҳулло**
«Таҳқиқи хосиятҳои протолитии кислотаҳои органикӣ ва
равандҳои комплексҳосилшавии онҳо бо d – металлҳои интиқолӣ»
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи
ихтисосҳои 1.4.2-Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5-Химияи физикӣ

Кори диссертатсионии Файзуллозода Эркин Фатҳулло ба омӯзиши ҳосилшавии комплексҳои мис, нуқра, оҳан, руҳ, кобалт ва манган бо кислотаи атсетат ва аминокислотаҳои таркибашон гуногуни органикӣ бахшида шудааст.

Барои химияи координатсионӣ пайвастҳои комплексие, ки дар таркибашон лигандҳои гуногун ва дар сфераи дохилиашон металлҳои ҳетероатомӣ доранд, ки дар таҳқиқоти илмӣ, тиб ва хоҷагии қишлоқ васеъ истифода мешаванд, диққати махсус медиҳанд. Бисёр пайвастҳои координатсионии металлҳо (хусусан микроэлементҳо) хосиятҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол доранд имкон медиҳад, ки онҳо дар амалияи тиб ва дорусозӣ васеъ истифода шаванд. Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии кор, шарҳи адабиёт, панҷ боб, муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада, хулосаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот ҳаҷми назарраси корҳои таҷрибавиро анҷом додааст. Аз ҷумла хосиятҳои протолитии кислотаи атсетат ва аминокислотаҳо, константаҳои диссотсиатсияи онҳо, таҳсири панҷ ҳарорат ва панҷ қувваи ионии маҳлул бо равандҳои диссотсиатсия ва комплексҳосилшавӣ омӯхта шуданд. Ҳамчунин, равандҳои комплексҳосилшавӣ дар системаҳои дорои Mn(II, IV), Fe(II, III), Co(II), Cu(II), Zn(II) ва Ag(I) бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқ баррасӣ гардидаанд. Навгонии илмии таҳқиқот дар муайян кардани қиматҳои ададии константаҳои диссотсиатсия ва ҳосилшавии комплексҳо дар ҳудуди 298,2 ÷ 328,2 К ҳарорату 0,10 ÷ 1,00 мол/л қувваҳои ионӣ, муайян намудани таркиб ва параметрҳои мувозинати химиявӣ, инчунин таҳияи муодилаҳои риёзӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои бадастомада бо истифода аз барномаҳои муосири компютерӣ коркард гардида, саҳеҳияти онҳо асоснок карда шудааст.

Аҳамияти амалии кор дар ба даст овардан ва таҳқиқи комплекси $[Zn(Ser)_2(H_2O)_2]^0$ ва санҷиши таъсири он ба қобилияти сабзиши тухмии гандуми навъи “Сафедак” зоҳир мешавад. Ин натиҷаҳо барои омӯзиши имконниятҳои истифодаи пайвастҳои комплексӣ дар соҳаи кишоварзӣ аҳамияти зиёд доранд.

Автореферати пешниҳодшуда мантиқан таҳия гардида, мазмун ва натиҷаҳои асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар он мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосӣ баён шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар нашрияҳои илмии бонуфуз ба табъ расидаанд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, зикри баъзе эродҳо ва пешниҳодҳо низ мувофиқи мақсад аст:

1. Сабабҳои ташаккули пайвасти координатсионии таркибаш $[Ag(HMet)H_2O]^+$ дар муҳити кислотагии қавӣ ба таври муфассал шарҳ дода нашудааст.
2. Барои ҳамаи шаклҳои ҳосилшавии комплексҳо, моделҳои химиявӣ оварда нашудааст?
3. Механизми раванди комплексҳосилшавӣ барои системаи Mn(II)–Mn(IV)–CH_3COOH ба таври муфассал бошадҳам баррасӣ намудан лозим буд.
4. Маълумот оид ба хусусиятҳои термодинамикаи равандҳои комплексҳосилшавӣ ва таъсири функсияҳои термодинамикӣ ба онҳо нисбатан маҳдуд мебошад.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва ба арзёбии умумии мусбати таҳқиқот таъсири манфӣ ворид намекунад.

Дар маҷмӯъ автореферати Файзуллозода Э.Ф. аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқотии илмии мустақилона, анҷомёфта ва дорои навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардидааст. Мазмун ва натиҷаҳои кор ба самтҳои ихтисосҳои 1.4.2 – Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5 – Химияи физикӣ мувофиқат мекунад.

Бо назардошти мубрамияти мавзуъ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ ва натиҷаҳои бадастомада, кори диссертатсионии **Файзуллозода Эркин Фатҳулло** ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-136-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисосҳои 1.4.2 – Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5 – Химияи физикӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои химия, профессор, академики АМИТ,
мудири озмоишгоҳи “Маводҳои ба коррозия тобовар”-и
Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АМИТ Ғаниев И.Н.

Суроға: 734063, ш. Душанбе, кӯч. С.Айнӣ, 299/2.
E-mail: ganievizatullo48@gmail.com
Телефон: +992935728899

Имзои Ғ.и.х., профессор, академики АМИТ, мудири озмоишгоҳи “Маводҳои ба коррозия тобовар”-и Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АМИТ И.Н. Ғаниевро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои Институти кимиёи
ба номи В.И.Никитини АМИТ Раҳимова Ф.А.

«27» 10 соли 2026